# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-062 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНИИ РОССИЯ -ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №____________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 31.03.2023, № 9

Барои сазовор донистани Сафаров Зулфиқор Азаматович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

Диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ санаи 27.01.2023 барои ҳимоя қабул карда шуда, суратмаҷлиси №7-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия-Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 1 июли соли 2022 таҳти №202/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷи илмӣ Сафаров Зулфиқор Азаматович, соли таваллудаш 1992, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2014 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисодчӣ-менеҷер хатм намудааст.

Аз соли 2014 то соли 2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолияти кориро оғоз намуда, аз соли 2017 то соли 2019 декани факултети иқтисодиёт ва энергетикаи Муассисаи таълимии ғайридавлатии Коллеҷи иқтисодӣ-техникии шаҳри Кӯлоб, аз соли 2019 то соли 2020 иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи молия ва

қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва аз моҳи сентябри соли 2022 то ҳол ҷонишини декан оид ба таълими таҳсилоти фосилавии факултети молиявию иқтисодии донишгоҳи номбурда кор карда истодааст.

Фаъолияти илмии худро соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ оғоз намуда, кори илмиашро дар мавзуи « Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар назди кафедраи мазкур ба анҷом расонидааст.

Диссертатсия дар кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расонида шудааст. Мавзуи диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 27.10.2015. № 3 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Файзулло Машраб Қурбоналӣ**–доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Қодирова Заррина Ҳалимовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (тақриз пешниҳод шудааст).

2. **Қодиров Шодибег Шарифович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (тақриз пешниҳод шудааст).

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (734061, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 63/3). Дар тақриз, ки аз тарафи котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинг Маҷидов Ф.А., ташхисгар - номзади илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ

ва маркетинг Тошматов М.Н., раиси ҷаласа - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинг Бегмуродов С.Ш. имзо гардида, дар ҷаласаи кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинг аз 25 феврали соли 2023, с/м №6 муҳокима ва баррасӣ шудааст, аз ҷониби ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Амонзода И.Т аз 27 феврали соли 2023 тасдиқ гардида, хулосаи мусбат дода шудааст.

Дар тақриз хулоса гардидааст, ки дар маҷмуъ кори диссертатсионии Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта дорои хислату мазмуни илмию амалӣ дошта, муаллифи он - Сафаров Зулфиқор Азаматович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

## ФЕҲРИСТИ ФИШУРДАИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

**А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, чоп шудаанд:**

[1-М]. Сафаров З.А. Мафҳум, моҳият ва аҳамияти иқтидори инноватсионии МТОК [Матн] / З.А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе 2018. - № 5. Саҳ.132 –137. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Сафаров З.А. Рушди иқтидори зеҳнӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе 2018. - № 7. Саҳ.91–96. ISSN 2413-5151.

[3-М]. Сафаров З.А. Рушд ва тадбиқи иқтидори инноватсионӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли иқтидори кадрии мактабҳои олӣ) [Матн] / З.А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе 2018. - № 8. Саҳ.91–96. ISSN 2413-5151.

[4-М]. Сафаров З.А. Зарурияти рушди инноватсионии соҳаи маориф ва сохтори иқтидори инноватсионии МТОК [Матн] / З.А. Сафаров, Г.У. Каримов, З.Файзиддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе 2020. - №6. Саҳ.63–68. ISSN 2413-5151.

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

[5-М]. Сафаров З.А. Нақши иқтидори инноватсионии МТОК дар баландбардории рушди инсонӣ [Матн] / З.А. Сафаров // Маводи конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун омили баландшавии некуаҳволии аҳолӣ». - Душанбе ҶДММ «Эр - граф» 2016. - Саҳ. 197 – 201.

[6-М]. Сафаров З.А. Сущность и значение инновационного потенциала вуза и методы его оценки [Текст] / З.А. Сафаров // Материалы международной научно – практической конференции «Роль интеграции науки, инновации и технологии в экономическом развитии стран». - Душанбе: «Кайхон» 2016. - Стр. 235 –240.

[7-М]. Сафаров З.А. Инновационный потенциал вуза и методические основы его оценки [Текст] / З.А. Сафаров, К.Р. Кабутов // Вестник технологического университета Таджикистана. Душанбе: «Бахманруд» 2016 - 1 (26). - Стр.181 – 188.

[8-М]. Сафаров З.А. Моҳият ва зарурияти рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.А. Сафаров //

Маводи конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе 2017. - Саҳ.195 –198.

[9-М]. Сафаров З.А. Тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ – таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.А. Сафаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ", Кӯлоб 2020. - Саҳ. 500 – 502.

[10-М]. Сафаров З.А. Дастгириҳои давлатии иқтидори илмӣ-инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ [Матн] / З.А. Сафаров, Г.Н. Рустамова, Д.Х. Ашурова // Маҷаллаи илмӣ-оммавии "Илм ва технологияи асри XXI"–и Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. - Кӯлоб 2020 - №3 (3). - Саҳ. 116 – 121.

**Унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо аз шахсони зерин ворид гардидаанд:**

**1. Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

а) Дар саҳафиаи 12 - ҷадвали 3. муайянсозии рейтинги муассиса аз рӯи арзёбии сатҳи иқтидори инноватсионӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда аст, аммо тарзи баҳогузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ норавшан аст;

б) Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва граматикӣ вомехӯранд, ки бартараф кардани онҳо сифати кори илмиро беҳтар менамояд.

**2. Комилов Абубакр Қосимович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон эродҳо бо таври зайл:

1. Муҳиммияти мавзуи диссертатсия бо далелу рақамҳои воқеӣ ва стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда мешуд, бисёр бамаврид мебуд;

2. Дар хулосабарории боби дуюми диссертатсия бисёр бамаврид мебуд таҳлили ҷадвалҳо ва диаграммаҳое, ки дар боби дуюми рисола оварда шудаанд ба инобат гирифта мешуд.

**3. Мирзоева Евгения Шуҷоатбековна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ муаллиф аз назарияҳои олимони хориҷиву ватанӣ истифода кардааст, аммо фикри муаллиф кам ба назар мерасад;

2. Баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳо мушаххас тасдиқ карда мешуданд.

**4. Ғафорзода Ҷонона** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо чунин эродҳо:

1. Муҳаққиқ дар саҳифаи 15- ҷадвали 2 - ҳиссаи таъсири омилҳо ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионӣ дар МТОК-ро муайян кардааст, аммо маълум нест, ки бо кадом методҳои илмӣ таъсири омилҳоро муайян кардааст;

2. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

**5. Досиев Махмадшоҳ Назарович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Дар таҳия кардаҳи модели консептуалӣ ба муаллифи диссертатсия лозим меояд, ки модели мазкурро дар асоси кадом сарчашмаҳои илмӣ таҳия кардааст, тариқи сарчашма нишон диҳад.

2. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ низ ба чашм мерасанд, ки онҳоислоҳро тақозо менамоянд.

Ҳамин тариқ, тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар:** Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назариявии ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар ба он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ таҳқиқоти илмиро, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иҷро шудааст, чунин асоснок мекунад:**

- муқаррароти назариявии моҳияти иқтисодии иқтидори инноватсионӣ **асоснок гардида**, сохтори иқтидори инноватсионӣ бо назардошти ҷузъҳои захиравӣ, функсионалӣ ва сохти зинанизомӣ дар МТОК **муайян карда шуда, аниқ карда шуд**, ки дар баробари усули ғайрифаъоли таълим дар МТОК-и ҷумҳурӣ ҷорӣ намудани усули фаъол, интерактивӣ ва дигар усулҳои инноватсионии таълим бамаврид аст;
- дар асоси арзёбӣ вазъи кунунии иқтидори инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҷузъи захиравии иқтидори инноватсионӣ **муайян карда шуда**, дар асоси пурсишнома омилҳои ба рушди иқтидори инноватсионии МТОК таъсиркунанда **муайян ва асоснок карда шудаанд**;
- арзёбии маҷмуии иқтидори инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро **гузаронида шуда**, дараҷаи сохтории иқтидори инноватсионии МТОК бо назардошти таснифи муаллифии нишондиҳандаҳои функсионалии объекти сохтори захиравӣ, сикли ҳаётӣ **асоснок карда шуд**;
- ҷузъҳои раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-

таҳқиқотии МТОК **мушаххас гардида**, омилҳои ба ин раванд таъсиркунанда **муайян** ва механизми самараноки татбиқи моликияти зеҳнӣ дар се шакли ҷалби он ба иқтисодиёт **пешниҳод карда шуд**;

- афзалиятҳои татбиқи фаъолияти инноватсионии МТОК бо дарназардошти таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ асоснок гардида, модели намунавӣ барои ташкили инфрасохтори инноватсионӣ дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон **пешниҳод карда шудааст**;
- шакл ва усулҳои самараноки механизмҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар МТОК **таҳия ва асоснок** карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- равандҳои ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ таҳлили амиқи назариявӣ ва методӣ карда шуда, хулоса ва пешниҳодҳо барои ҳалли масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионӣ дар МТОК-и ҷумҳурӣ **нигаронида шудааст**;
- асосҳои назариявӣ ва методии равандҳои рушд ва ташаккулёбии иқтидори инноватсионӣ дар МТОК такя ба монографияҳо, қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои давлатии ба мавзуи таҳқиқот марбут **омӯхта шудаанд**;
- асарҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионӣ дар МТОК, вазъи кунунии иқтидори инноватсионии МТОК-и ҷумҳурӣ, омилҳои ба рушди иқтидори инноватсиони таъсиркунанда, вазъи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ, масъалаҳои такмили инфрасохтори инноватсионӣ заминаҳои назариявии таҳқиқотро **ташкил додаанд**.
- вобаста ба предмети таҳқиқот усулҳои умумиилмӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили оморӣ ва иқтисодӣ, усулҳои арзёбии иқтидори инноватсионӣ, абстрактӣ, усули таҳлилӣ-муқоисавӣ ва мушоҳидаҳо **истифода шудаанд**;

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок, муайян гардидааст**, ки усули ғайрифаъоли таълим дар ҷараёни таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ самаранок ва сифатнок нест ва кадрҳои омоданамуда на ба ҳама талаботҳои бозори меҳнат ҷавобгӯ ҳастанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди таълим ба воридсозии роҳу усулҳои инноватсионӣ аз қабили ҷорӣ намудани усулҳои фаъол ва муколамавии (интерактивӣ) таълим **ниёз доранд**, вазъи кунунии иқтидори инноватсионии МТОК-и ҷумҳурӣ аз рӯйи ҷузъҳои захиравии он ва омилҳои ба рушди иқтидори инноватсионӣ таъсиркунанда **ошкор гардида**, аз рӯйи арзёбии маҷмуӣ рейтинги МТОК-и ҷумҳурӣ **муаяйн карда шудааст**;

- ҷиҳати рушди раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникии МТОК-и ҷумҳурӣ роҳу усулҳои самаранок **баён карда шудаанд**;

- **ошкор гардидааст,** ки вазъи имрӯзаи инфрасохтори инноватсионӣ дар МТОК-и ҷумҳурӣ қонеъкунанда набуда, барои рушди минбаъдаи он модели намунавии инфрасохтори инноватсионӣ **пешниҳод карда шудааст**;

- назарияҳои олимон доир ба ҷанбаҳои назариявии иқтидор, иқтидори инноватсионӣ, иқтидори инноватсионии МТОК, арзёбии иқтидори инноватсионии МТОК, раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ, рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва механизмҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватисонии МТОК **омӯхта шудаанд**;

- ҷиҳати рушди механизми дастгирии давлатии фаъолияти инноватисонии МТОК **пешниҳод гардидааст**, ки дастгирии давлат ба самтҳои муайяни пешниҳодшуда **равона гардида**, инчунин раванди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва истифодаи модели «**спирали сегона**» ба роҳ монда шавад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

- муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқот метавонад дар фаъолияти амалии технопаркҳои МТОК-и ҷумҳурӣ, таъсиси корхонаҳои хурди инноватсиони дар заминаи МТОК васеъ истифода шуда, бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои татбиқ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул карда шудаанд (санади татбиқ аз 17.03.2023, №62). Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ (муаллиф аъзои гурӯҳи корӣ буд) ҳангоми таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ ва (ё) илмию техникӣ» **пешниҳод** шудаанд, ки метавонанд **истифода шаванд**;

- бо баҳрабардорӣ аз таҷрибаи пешқадами давлатҳои мутараққӣ оид ба ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионӣ дар МТОК, тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ **пешниҳод карда шудааст, ки** имконияти амалӣ намудани баъзе аз онҳо дар шароити МТОК-и ҷумҳурии мо ба мақсад мувофиқ мебошад. Инчунин **муайян карда шудааст**, ки ҷузъҳои захиравии иқтидори инноватсионӣ (иқтидори кадрӣ, молиявӣ, моддӣ-техникӣ, инфрасохторӣ ва нуфузӣ) дар МТОК-и ҷумҳурӣ аз рӯйи мавқеъ, маҳалли ҷойгиршавӣ ва захираҳои молиявӣ аз якдигар тафовути калон доранд. Дар робита ба ин ба МТОК-и кишвар, ки дар минтақаҳо ҷойгиранд, **тавсия шудааст, ки** таҷрибаи донишгоҳҳои дар пойтахт воқеъ бударо тадриҷан дар фаъолияти худ татбиқ созанд;

- ҳолати кунунии ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии МТОК-и ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарордошта, таҳлил ва арзёбӣ шуда, вазъи ҷузъҳои захиравии иқтидори инноватсионӣ, омилҳои ба рушди иқтидори инноватсионӣ таъсиркунанда, самаранок баҳогузорӣ нагардидани фаъолияти инфрасохторҳои инноватсионӣ, қонеъкунанда набудани раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ дар паркҳои технологии МТОК **муайян** ва **ошкор** гардидааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашуда дар таҳлили ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионӣ дар МТОК, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулосаҳо, тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ бо истифода аз методологияи муосир бо далелҳои илмӣ **асоснок карда шудааст**;

- маводи таҳқиқотро ҳангоми омода намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ, байналмиллалӣ, таҳияи нақшаи дурнамои инноватсионӣ, таъсис ва такмили инфрасохтори инноватсионӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои тиҷоратишаванда дар пояи паркҳои технологӣ дар ҳамаи МТОК-и ҷумҳурӣ аз ҷумла дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **истифода бурдан мумкин аст.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- таҳқиқоти илмӣ мустақиман аз ҷониби муаллиф **сурат гирифта**, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф **таҳия гаштааст**;

- рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ **муайян гардида**, самтҳо ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии рушди иқтидори инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ **мушаххас карда шудаанд;**

- муқаррароти қисматҳои алоҳидаи рисолаи илмӣ барои истифодаи амалӣ дар самти фаъолияти илмӣ-инноватсионӣ дар самти фаъолияти илмӣ-инноватсионии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ истифода гардида, санад оид ба татбиқи амалии он (№ 62 аз 17.03.2023) мавҷуд аст;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ, дар ҳаҷми умумии 4,1 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар нашриҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда **нашр гардидаанд**;

- мазмунҳ асосии диссертатсия, ки аз тарафи муаллиф дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун омили баландшавии некуаҳволии аҳолӣ» (15 декабри соли 2015) дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Нақши интегратсияи илм, инноватсия ва технология дар рушди иқтисодии кишварҳо» (соли 2016) дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» (соли 2020) дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ироа гардидаанд, **баҳои мусбат гирифтаанд**.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон аз санаи 31.03.2023 қарори сазовор донистани Сафаров Зулфиқор Азаматович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 8 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктарони илм – 7 нафар, номзади илм – 1 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, аз 8 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ – 8 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **С.Ҷ. Комилов.**

**Котиби шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **И.Р. Раҷабова.**

**31 марти соли 2023**